ХУЛОСАИ

экспертӣ ба диссертатсияи Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми кредитии таҳсилоти мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Муаммои барои таҳқиқ интихобкардаи Собитов М.Ш., ки аҳамияти муҳими илмӣ дорад, бо он асоснок мегардад, ки рушди ояндаи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа дар самаранок роҳандозӣ намудани соҳаи маориф, хусусан раванди таълим вобастагии калон дорад. Ин дар навбати худ тақозо менамояд, ки дар соҳаи таҳсилот технологияҳои навтарини иттилоотӣ ва воситаҳои нави техникӣ-технологӣ дар раванди таълим мавриди истифода қарор дода шавад. Дар маҷмӯъ ин аз компютеркунонии ҳам мактабҳои миёна ва ҳам мактабҳои олӣ вобаста аст. Ҳамгироии илм ва истеҳсолот дар заминаи истифодаи технологияҳои навтарини иттилоотӣ ҳарчӣ зудтар иттилоотонии соҳаи маорифро, омодасозии мутахассисони дорои саводнокӣ ва салоҳиятнокии баланди компютериро тақозо менамоянд. Ин яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мактабҳои олии педагогӣ маҳсуб меёбад. Ин ҳамчунин омодасозии мутахассисони баландихтисоси дорои қобилияти баланди эҷодӣ ва техникӣ-технологиро тақозо менамояд.

Баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълим дар донишгоҳҳо ин гарави дар оянда баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Зеро омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз шахсиятҳои калидӣ дар бобати дар амал ҷорӣ намудани иттилоотонии ҳаёти ҷомеа маҳсуб меёбад. Сифат ва самаранокии фаъолият аз сифат ва самаранокии воситаҳои таълим вобаста аст. Дар ин бобат фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ чӣ дар мактаби олӣ ва чӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истисно нест. Дар диссертатсияи мазкур ҳаллу фасли муаммои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим тавассути воситаҳои мултимедиавии таълим мавриди назар ва таҳқиқоти илмӣ-методӣ қарор гирифтааст.

Мушоҳида ва таҳлили таҳияи воситаҳои таълим нишон медиҳад, ки дар бисёр ҳолатҳо воситаҳои таълим, алалхусус воситаҳои мултимедиавии таълим бидуни риояи қоидаҳо ва принсипҳои таҳия тартиб дода мешаванд, ки ин боиси паст гардидани сифати чунин воситаҳо мегардад. Ҳарчанд, ки мавзӯъи «Принсипҳои таълим» ва «Воситаҳои таълим» аз ҷониби олимон васеъ, чуқур ва ҳамаҷониба мавриди назар гардида бошад ҳам, алоқамандии байни онҳо то алҳол мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Зеро агар принсипҳои таълим зимни таҳияи воситаҳои таълим аз ҷониби муаллифон, тартибдиҳандагон,

таҳиягарони воситаҳои таълим сарфи назар карда шавад, пас принсипҳои таълим, дар зинаи аввали он татбиқ карда намешаванд. Ин дар навбати худ риояи принсипҳои таълимро дар раванди таълим аз ҷониби омӯзгорон ниҳоят мушкил мегардонад. Ислоҳи нуқсони назаривӣ ва амалии мазкурро тавассути коркарди модели принсипҳои таълим, ки моҳият ва мундариҷаи асосии ҳар як принсипро инъикос менамояд, аз як ҷониб, ва аз ҷониби дигар технологияи риояи онро зимни таҳияи воситаҳои таълим, дар таҳқиқоти мазкур зимни таҳияи воситаҳои мултимедиавии таълим роҳандозӣ намудан имконпазир аст.

Навгониҳои илмие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда оиди омодагии омӯзгорони оянда ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим аз ҷониби субъектҳои раванди педагогӣ ба таври навгонӣ маҳсуб меёбанд.

-Маҷмӯи шароитҳои педпгогӣ, ки раванди ташаккули самараноки омодагии омӯзгорони ояндаро ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим муайян менамоянд, муайян карда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки зарурати таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим исбот карда шудааст ва ин имкон медиҳад, ки омодасозии касбӣ-педагогии омӯзгорони оянда бодарназардошти он роҳандозӣ карда шавад, тасаввурот доир ба омодасозии касбӣ-компютерии омӯзгорони оянда васеъ ва чуқур карда шудааст, маълумот доир ба қоидаҳо ва принсипҳои таълим зимни таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим гирд оварда шудааст, дастуруламалҳои назариявӣ доир ба меъёрҳо ва дараҷаҳои омодагии омӯзгорони оянда ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар асоси принсипҳо ва қоидаҳои таълим асоснок карда шудааст.

Дар таҳқиқоти мазкур масоили зерин муаррифӣ гардидаанд: технология ва методикаи таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар асоси риояи принсипҳо ва қоидаҳои таълим; меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои дараҷаҳои омодагии омӯзгорони оянда ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим; тавсифномаи мундариҷавии омӯзиши омӯзгорони оянда ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар раванди машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ; системаи омодасозии омӯзгорони оянда ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим шаклҳои гуногуни фаъол намудани онҳоро тақозо менамояд.

Барои расидан ба ҳадафи ниҳоии тадқиқот муаллиф марҳилаҳои зарурии пажӯҳишро азбар намудааст, ки он дар мантиқ ва мундариҷаи сохтори рисолаи диссертатсионӣ ба таври амиқ инъикос ёфтааст.

Ҷиҳати хубу қобили таваҷҷӯҳи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф тавонистааст, ки омодагии омӯзгорони оянда ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар шароити муосир яке аз қисмҳои асосии таркибии омодагии касбӣ буда, аз он то ба кадом дараҷа ба

принсипҳо ва қоидаҳои таълим мувофиқат менамояд вобастагӣ дорад, зеро принсипҳо ва қоидаҳои таълим асоси илмӣ-методии онҳоро муайян менамоянд. Таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои таҳқиқот дар рисола ба таври саҳеҳ ва мушаххас дар шакли ҷадвал ва диаграмма инъикос ёфтаанд.

Натиҷа, бозёфт, хулоса ва тавсияҳои муаллиф оид ба омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми кредитии таҳсилоти мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои самаранок ва муваффақона амалӣ гардидани ин раванд, муқаррар намудани унсурҳо ва дигар паҳлуҳои падидаи мазкур аз ҳар бобат мусоидат менамоянд.

Диссертатсия бо талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасдиқ расидааст, комилан мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳоест, ки барои рушди илми педагогика муҳим арзёбӣ мегарданд.

Тадқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар сатҳу савияи матлуб таълиф гардида, мустақилияти ӯ баралоина эҳсос мегардад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзӯъ ва мазмуни тадқиқот бо шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ҷавобгӯ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 адад мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намуда. ба табъ расонида шуда, ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи рисолаи илмӣ бевосита марбут мебошанд. Дар интишороти зикрёфта натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд.

Бояд эътироф намуд, ки саҳми шахсии унвонҷуй дар таҳқиқ ва ба даст овардани натиҷаҳо дар навъҳои гуногуни фаъолият: илмӣ, педагогӣ, ташкилӣ ва методӣ равшану возеҳ зоҳир гардидааст.

Натиҷаҳои ҳосилшуда, ки дар хулосаҳои ҷамъбастии диссертатсия тазаккур ёфтаанд, фарзияи таҳқиқро тасдиқ намуда, ҳаллу фасли доираи масъалаҳои онро собит месозанд.

Автореферат рисола дар мутобиқат бо мундариҷаи тадқиқот таҳия гардида, муҳтавои асосии онро инъикос менамояд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Собитов М.Ш. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои

истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя гардидани банди 109 – и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ далолат медиҳад.

Комиссияи ташхисӣ тибқи талаботи Низомнома оид ба “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ(дотсент,профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, андешаҳои фавкро ба ҳисоб гирифта, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи “Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми кредитии таҳсилоти мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ба ҳимоя тавсия карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

1). Шоҳиён Нуралӣ Набот - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара.

2). Туев Шоҳин Шоевич - мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон.

3). Ба ҳайси **муассисаи тақризиҳанда Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент** тавсия карда мешавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Абдуллоева М.А.

Аъзоёни комиссия:
номзади илмҳои педагогӣ Ишматова Ш.А.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Шарифов Э.
18.02.2021с.

Имзохоро тасдиқ менамоям
Сардори РК ва ҲС
Шарапова З.Ш.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии Ҳуҷанд «Донишгоҳи давлатии Бобоҷон Ғафуров» Академияи таълими
РАЕСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС